**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Ҷурабек Абдулович дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2020. - 212 с.**

## Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд, ки дар назди онҳо вазифаҳои муҳим – таҳкими мустақилияти хеш, ташаккул додани асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ меистод. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи ин давлатҳои тозатаъсиси мустақил буд, ки бояд мустақиман унсурҳои нави миллии ҳокимият ва асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро муайян мекард. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали даврони истиқлолият ин сиёсат мунтазам роҳандозӣ гардида, дар тӯли анқариб 30-сол рушду тавсеа ёфт. Дар ин муддат дар Тоҷикистон воқеоти зиёди ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рӯх доданд, ки ногузир аз ҷониби коршиносон, муҳаққиқон ва аҳли илми ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтанд. Дар натиҷа таълифоти зиёд рӯйи кор омад, ки аз таваҷҷуҳи беҳади муҳаққиқони ҷумҳурӣ, бахусус ба воқеоти сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX гувоҳӣ медиҳад. Аммо як таҳқиқоти маҷмӯӣ, ки ин таълифоти парокандаро гирдоварӣ, таҳлил ва ҷамъбаст карда бошад, то кунун вуҷуд надошт. Аз ин лиҳоз, рисолаи номзадии Мирзоев Ҷурабек Абдулович, ки кӯшиши аввалин дар ин самт ба ҳисоб меравад, бешак мубрам ва саривақтӣ буда, пажуҳиш дар заминаи омӯзиши асарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, таҳлилу баррасии осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи сиёсии

Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, амалӣ гардидааст.

Бояд зикр кард, ки мубрамияти мавзӯи мазкур баъд аз суханронии Президенти мамлакат зимни вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар дар санаи 18 марти соли 2020 ба маротиб афзоиш ёфт. Сарвари давлат қайд карданд, ки то кунун ба воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX баҳои сазовор дода нашудааст ва муҳаққиқону коршиносонро мебояд, ки сабабҳои воқеии ҷанги шаҳрвандиро таҳқиқ ва муайян намоянд. Дар ҳақиқат, то имрӯз нисбат ба сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон андешаҳои гуногун мавҷуданд. Дар иртибот ба ин, муаллиф дар заминаи таҳлили ақидаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва ду омили маъмулии онро нишон додааст.

Ҳамин тавр, таҳқиқи воқеоти сиёсии охири асри XX ибтидои асри XXI ва бозгашти давлати тоҷикон ба низоми муносибатҳои байналхалқӣ бо дарназардошти воқеиятҳои навини давлатдорӣ ва ба хотири ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ хеле муҳим буда, инъикоси воқеии саҳифаҳои таърихи сиёсии мамлакат барои наслҳои оянда ибратомӯз ва баҳри ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии онҳо хеле аҳамиятнок аст. Таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мазкур, ки дар адабиёти илмӣ ҳадалимкон инъикос гардидаанд, имкон медиҳад, ки шахсиятҳои таърихӣ ва чеҳраҳои ватандӯсти миллат ба тамоми ҷомеа муаррифӣ гарданд ва сабақҳои таърихии сулҳи тоҷикон мавриди истифодаи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гиранд.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия**

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки дар боби аввал - **“Инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** таълифоте, ки ба масоили умдаи таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба амсоли

ба даст омадани Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеаҳои феврали соли 1990, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, марҳилаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон ва имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон”, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва рушди минбаъдаи сиёсии кишвар дар даҳсолаҳои аввали асри XXI бахшида шудаанд, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтаанд. Дар зербоби аввали ин боб - **“Таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** муаллиф дар заминаи таҳқиқу таҳлили адабиёти мавҷуда масоили раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои нав, марҳалаҳои асосии ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ва дараҷаи инъикоси он аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро ба таври возеҳ инъикос намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар Тоҷикистон ҳизбу созмонҳои нав арзи вуҷуд карданд, ки дар натиҷаи сиёсати нодурусти онҳо вазъи сиёсӣ муташанниҷ гардида, Тоҷикистон мувоҷеҳи ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Дар зербоби дуюми ин боб - **“Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** инъикоси масоили заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997), давраҳои асосӣ, рафт ва оқибатҳои мудҳиши он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки роҷеъ ба инъикоси воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX таълифоти зиёде ба табъ расидааст, ки дар онҳо сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, давраҳои асосӣ ва оқибатҳои мудҳиши он ҳадалимкон тадқиқ гардидаанд. Унвонҷӯ дар заминаи таҳлили адабиёти мавҷуда ва маълумоти бойгониҳои ҷорӣ тавонистааст, ки ҷанги шаҳрвандиро даврабандӣ намуда, ба бисёр масъалаҳои баҳсноки марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ рӯшанӣ андозад. **Зербоби сеюми боби аввал – “Тадқиқи масоили истиқрори сулҳу ваҳдат, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва ҳаёти минбаъдаи сиёсӣ дар Тоҷикистон”** ба тадқиқ ва таҳлили инъикоси масоили истиқрори сулҳу

ваҳдат, даврҳои асосии гуфтушуниди миёни тоҷикон, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, таҳавулоти сиёсии давраи рушд дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст. Муаллиф инъикоси раванди гуфтушуниди ҷонибҳои бо ҳам муқобили ҷанги шаҳрвандӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои баимзорасида ва натиҷаҳои онро мавриди баррасӣ қарор дода, дар заминаи таҳлили доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо мушкилиҳои баргузоршавии ин равандро хеле хуб инъикос намудааст. Гузашта аз ин, муаллиф дар ин зербоб дар асоси ҳуҷҷатҳои ба имзорасида нақши созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои кафили минтақаро дар бадаст омадани сулҳи тоҷикон нишон додааст. Ӯ барҳақ ба хулосае омадааст, ки "раванди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва марҳилаи хотимавии он - амалигардонии шартномаҳои ноилгардида, дар ҷаҳони муосир намунаи беназири баҳамоии ҷонибҳои даргир маҳсуб меёбад, ки назирашро таҷрибаи ҷаҳонӣ ёд надорад".

Дар боби дуюми диссертатсия - **"Инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ"**, ки аз се зербоб таркиб ёфтааст, адабиёти дар ин самт таълифгардида мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар он таълифотеро, ки самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол, афзалиятҳои он, ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ, ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои бонуфузи байнахалқӣ ва минтақавӣ, роҳандозии босамари сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI инъикос кардаанд, таҳлил карда, инчунин мушкилот ва дурнамои равобити байналмиллалии кишварро мушаххас намудааст. Дар зербоби аввали ин боб - **"Таҳқиқи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви ИДМ"** масоили инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ, хоса бо Федератсияи Россия дар адабиёти таърихӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар ин зербоб ҳамкориҳои Тоҷикистон бо

Федератсияи Россия ва кишварҳои собиқ шӯравии Осиёи Миёнаро яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол унвон додааст. Дар зербоби дуюми ин боб - **«Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо институтҳои байналхалқӣ дар тадқиқоти олимон ва сиёсатшиносони ватанӣ"** масоили инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва Созмони Ҳамкории Шанхай дар тадқиқоти муҳаққиқон ва коршиносон таҷассум ёфтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX, хотимаёбии ҷанги шаҳрвандӣ созмонҳои мазкур нақши умдатарин доштанд. Маҳз бо миёнаравии СММ раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон бомуваффақиятона сурат гирифта, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон анҷом пазируфт. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти марбут ба сиёсати хориҷӣ, диссертант ба хулосае омадааст, ки ба омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ таҳқиқоти зиёди монографӣ бахшида шудааст, ки сатҳи баланди рушди ин ҳамкориҳоро собит месозанд. Дар зербоби сеюми боби дуюм - **«Масоили омӯзиши сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI"** масоили инъикоси роҳандозии сиёсати минтақавӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ мавриди тадқиқ ва таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтааст. Муаллиф кайд менамояд, ки яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии сиёсати минтақавӣ, ки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ – Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ва кишварҳои форсизабони минтақа – Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон, инчунин бо Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия ва бо Ҳиндустон амалӣ месозад.

## Навоварии илмии таҳқиқот

## ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада

Навгонии илмии таҳқикоти диссертатсионии Мирзоев Ҷурабек Абдулович дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқоти маҷмӯӣ маҳсуб меёбад. Илова бар ин, бори нахуст манбаъҳои сершумор, теъдоди зиёди асарҳои нашргардида оид ба масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба доираи таҳлили таърихнигорӣ фаро гирифта шуда, адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, махсусан воқеаҳои феврали соли 1990 ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистонро ба таври гуногун инъикос намудаанд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Гузашта аз ин, таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бори нахуст даврабандӣ гардида, заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ ва даврабандии ин рӯйдоди мудҳиш амалӣ шудааст.

Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот, пеш аз ҳама, ба воситаи методҳои илмии истифодашуда ва адабиёти илмии омӯхташуда асоснок карда мешавад. Илова бар ин, муаллиф дар тадқиқоти диссертатсионӣ маълумоти бойгониҳои ҷорӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсии Созмони Милали Муттаҳид, ки ба вазъияти сиёсии Тоҷикистон бахшида шудаанд, ҳуҷҷатҳои дар раванди гуфутушунидҳо баимзорасида, инчунин ҳуҷҷатҳои расмии Вазорати корҳои хориҷиро мавриди истифода қарор додааст. Гузашта аз ин, таҳқиқоти мазкур дар натиҷаи истифодаи усулҳои муайяни илмӣ амалӣ гардидааст. Чунончӣ, истифодаи меъёрҳои илмии объективӣ ва таърихнигорӣ, инчунин таҳлили маҷмӯӣ, системавӣ ва муқоисавӣ барои муайян намудани

воқеияти солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, барои нишон додани зуҳуроти манфӣ, мушкилот ва дурнамои рушди давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон, ҳамчунин хусусиятҳои муҳимми раванди ба даст омадани оштии миллии тоҷикон шароити методологӣ ва маърифатӣ фароҳам овардаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2016), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, “Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол” васеъ истифода кард. Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ –тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

**Эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот**

Дар иртибот ба эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот, ба андешаи мо ба назар гирифтани чанд масъала мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии онро боз ҳам афзун мекунанд:

1.Зимни таҳлили муқоисавии адабиёти илмӣ дар зербоби аввал ва зербобҳое, ки ба инъикоси сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол

бахшида шудаанд, муаллиф баъзан аз доираи хронологии таҳқиқот берун рафтааст.

2.Дар раванди таҳқиқот маводи матбуоти даврии дар кишварҳои хориҷӣ, қабл аз ҳама дар Федератсияи Россия ба табърасида камтар истифода гардидааст. Истифодаи чунин мавод имкон медод, ки андешаҳои баъзе таҳлигарон дар иртибот ба вазъи сиёсии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад.

3. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд.

Аммо дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасогиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда таҳия намудааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргардида**

Диссертатсияи унвонҷӯ Мирзоев Ҷурабек Абдулович дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» кори таҳқиқотии мукаммалест, ки дар чаҳорчӯби он масъалаҳои мухталифи марбут ба мавзӯъ таҳлилу баррасӣ шуда, хулосаҳои илмии асоснок бароварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, бо боварӣ метавон иброз дошт, ки хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда дар сатҳи баланди назариявӣ баён гардида, аҳамияти назарраси илмӣ доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар заминаи он нашршуда мазмуну мундариҷаи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкурро комилан инъикос мекунанд. Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш комилан ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12,14,16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент,

профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ аст ва муаллифи он Мирзоев Ҷурабек Абдулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, и.в.дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**

**Суроға:**734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ121, E-mail: **matlubaganjakova @mail.ru.**тел. (+992) 934 51 55 60

**Имзои номзади илмҳои таърих**
**М. Г. Ганҷаковаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Назаров Давлатхон**